**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ

Автореферати Ёқубзода Шокир Абулфайз ба омӯзиши масъалаҳои муҳими геологияи инженерӣ, аз ҷумла хусусиятҳои пайдоиш ва инкишофи равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо дарназардошти таъсири омилҳои сейсмикӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷу аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мубрам буда, барои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба офатҳои табиӣ, аз ҷумла равандҳои ярчӣ ва селҳои харобиовар дучор мегарданд, аҳаммияти калон дорад.

Чӣ тавре, ки аз муҳтавои автореферат бармеояд, кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 165 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст. Дар он 16 расму харитаҳо истифода гардидаанд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро равшан инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 ва барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 анҷом дода шудааст. Ин ҳолат аҳаммият ва мувофиқати мавзуи интихобкардаи муаллифро бо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ тасдиқ менамояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили комплексии маълумоти геологӣ, инженерӣ-геологӣ, наворҳои моҳворaӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ хусусиятҳои ташаккул ва паҳншавии равандҳои ярчиро дар минтақаҳои Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқот харитаҳои рақамии паҳншавии равандҳои инженерӣ-геологӣ таҳия гардида, минтақаҳои эҳтимолии фаъолшавии равандҳои ярчӣ, лағжиш ва сел дар шароити таъсири омилҳои сейсмикӣ муайян ва омӯхта шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар истифодаи усулҳои муосири таҳлил ва моделсозии хатари сейсмикӣ, аз ҷумла бо истифода аз барномаи махсуси CRISIS-2015, ифода шудаст. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки арзёбии боэътимоди хатари равандҳои геодинамикӣ дар минтақаи таҳқиқшуда анҷом дода шавад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмил додани донишҳои илмӣ оид ба қонуниятҳои инкишофи равандҳои инженерӣ-геологӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии кори илмӣ дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми банақшагирӣ ва сохтмони иншооти муҳандисӣ ва гидротехникӣ, инчунин дар таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ истифода бурда шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар иҷрои таҳқиқот назаррас мебошад. Корҳои саҳроӣ-экспедитсионӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ, коркарди натиҷаҳо, таҳияи харитаҳои рақамӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ мустақилона аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудаанд.

Дар маҷмӯ, автореферати дессертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»** кори илмии пурра ба анҷомрасида мебошад. Он аз ҷиҳати назарявӣ асоснок буда, пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Унвонҷу Ёқубзода Шокир Абулфайз сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мебошад.

Номзади илмҳои география,
ҳамдиректори Маркази илмӣ-таҳқиқотии
экология ва муҳити зисти
Осиёи Марказӣ (Душанбе) Гулаёзов М.Ш.

Имзо Гулаёзов М.Ш. -ро тасдиқ мекунам:
Маъмурияти Марказ
Котиби илмии Маркази илмӣ-таҳқиқотии экология
ва муҳити зисти Осиёи Марказӣ (Душанбе) Мамадҷонов Ю.

«13» 03 2026 г.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни 267